ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «01» 06 соли 2026 № 197/м ш. Душанбе

*Дар бораи бақайдгирии маҷаллаи*
*илмӣ дар Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)*
*илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мутобиқи сархати бисту шашуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Маҷаллаи илмию амалии «Иқтисодиёт ва савдо»-и Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодӣ (ISSN 3105-2800) ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад.
2. Дар маҷаллаи мазкур нашри маводи илмӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ, 5.2.5. Иқтисодиёти саноат ва энергетика, 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, 5.2.10.Иқтисодиёти савдо ва соҳаи хизматрасонӣ, 5.2.25. Идоракунии инноватсияҳо иҷозат дода шавад.
3. Бахши иттилоот ва маҷаллаҳои илмӣ (Дурандеш Шарифзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намуда, ба муассисаи дахлдор дастрас намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2026, №6

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ